«Тасдиқ мекунам»
ректори ДМТ, профессор
_______Насриддинзода Э.С.
«___»________2024 с.

Хулосаи

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

доир ба диссертатсияи Ятимов Собирҷон Рустамович дар мавзуи **“Нақши ВАО дар шароити инкишофи иҷтимоӣ-сиёсии ҷомеаи тоҷикистонӣ:таҳлили иҷтимоӣ-фалсафӣ”**, ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафӣ аз рӯйи ихтисоси 09.00.11- фалсафаи иҷтимоӣ дар кафедраи онтология ва назарияи маърифати факултети фалсафа иҷро шудааст.

Диссертатсия дар кафедраи фалсафаи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав иҷро шудааст. Мавзуи диссертатсия дар ҷаласаи Шӯрои олимони Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав 25.09.2017, протоколи №2 тасдиқ шуда, дар санаи 29.11.2022, протокли №4 номи мавзуъ иваз карда шуда, тасдиқ гардидааст.

Соли 2011 Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айниро аз рӯйи ихтисоси “ҳуқуқшинос-омӯзгор” хатм кардааст. Аз соли 2018 то имрӯз ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи фалсафаи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н.Хусрав фаъолият мекунад.

Роҳбари илмии унвонҷӯ: доктори илмҳои фалсафа, профессор Маҳмадизода Н. Д мебошад.

Имтиҳонҳои номзадӣ супорида шудаанд:

1. Забони хориҷӣ (англисӣ) – 07 феврали соли 2017 “ХУБ”
2. Таърих ва фалсафаи илм – 10 марти соли 2018 “ХУБ”
3. Ихтисос: “09.00.11 – Фалсафаи иҷтимоӣ” – 01 июни соли 2023 “АЪЛО”

Кафедраи онтология ва назарияи маърифати факултети фалсафа дар асоси баромади мукарризон ва муҳокимаи аъзои кафедра хулосаи зеринро қабул кард:

Диссертатсияи Ятимов С.Р. кори илмии анҷомёфта буда, дорои арзишу аҳамияти назарию амалӣ ва навгонии илмӣ мебошад. Он мустақилона иҷро гардида, дорои натиҷаҳои арзишманди илмӣ мебошад.

Дар рафти тадқиқоти илмӣ ва таҳияи диссертатсия, муаллиф аз усулҳои таҳлилӣ, муқоисавӣ, микдорӣ, мушоҳидавӣ, таҳлили мундариҷавӣ ва равишҳои маъмули илмҳои ҷомеашиносӣ истифода намуда, масъалаҳои васоити ахбори оммаро ҳамчун воситаи муҳими инъикоскунанда ва таъсиррасонандаи равандҳои иҷтимоию сиёсии ҷомеаи муосири тоҷикистонӣ мавриди омузиш қарор дода, натиҷаҳои назарраси илмиро ба даст овардааст. Гуфтан ҷоиз аст, ки диссертатсия дар асоси таҳлили дурусти илмӣ таҳия гардида, дорои арзиши баланди илмию назариявӣ мебошад.

Мафҳумҳои асосии таҳкикот- ниҳоди иҷтимоӣ, технологияи иҷтимоӣ, васоити ахбори омма, ҷомеаи тоҷикистонӣ ва манфиатҳои миллӣ муфассал ва тавассути далелҳои дурусти илмӣ таҳлил гардидаанд.

Дар диссертатсия, муаллиф таълимоти муҳаққиқони ватниву хориҷӣ, ки масъалаи ВАО ва таъсири сиёсии онро таҳқиқ намудаанд, инчунин асару рисолаҳои сиёсатшиносон, сотсиологҳо, равоншиносон ва файласуфоне, ки нақши ВАО-ро дар равандҳои сиёсӣ таҳлил намудаанд, ба таври васеъ истифода намудааст.

Мақсади асосии таҳқиқи рисолаи мазкур таҳлили шакл ва усулҳои таҷассуми раванди сиёсӣ дар ВАО ба ба шумор рафта, диссертант ба хотири иҷрои онҳо якчанд вазифаҳоро иҷро намудааст, ки муайян намудани нақши ВАО дар таъмини амният ва ҳимояи манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои аҳамияти калони илмӣ мебошад. Диссертант қайд мекунад, ки дигаргуниҳои бунёди Тоҷикистон дар

солҳои 90-уми асри XX ба таври назаррас имкониятҳои дастрасӣ ба иттилоотро васеъ намуда, ВАО ва матбуоти давриро ба манбаи тавонои пешбари ғояҳои давлатдорӣ, гузаронидани маъракаҳои интихоботӣ, қувват гирифтани мубоpизаи неъруҳои гуногун мубаддал гардонидаанд.

Диссертант дар раванди таҳқиқи илмӣ иштироки фаъол намудааст. Ҳамчунин, ҳангоми муайян намудани мақсадҳои асосӣ, тадқиқотҳои назариявии бадастоварда ва роҳҳои ҳалли натиҷаю хулосавии он иштирокчӣ ва саҳмгузор мебошад. Мақолаҳои илмӣ, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда оид ба мавзуи таҳқиқотӣ, аз ҷониби муаллифи диссертатсия ба чоп расонида шудаанд, ҷанбаъҳои муҳимтарини диссертатсияро инъикос менамоянд.

Ҷанбаи назариявию амалии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки бо имконияти истифода намудани натиҷаҳои назариявӣ ва методологии ба даст овардашуда барои таҳқиқи фаъолияти матбуоти давӣ ва таъсири сиёсии он дар давраи гузариш муайян карда шуда, хулосаҳои он метавонад ба омӯзиши дақиқи назариявии равандҳои сиёсӣ, нақш ва мақоми ВАО дар ҳаёти иҷтимоӣ сиёсӣ мусоидат намояд. Инчунин дар мукаммал гардонидани фаъолияти ВАО ва таъсири он ба равандҳои сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ, ҳизбу ҳаракатҳои сиёсӣ истифодаи он аҳамияти муҳими амалӣ дорад.

Навоварии таҳқиқоти диссертатсияро мухтасаран метавон чунин баён намуд:

- ба таври маҷмӯавӣ ҷанбаҳои илмӣ-назариявии ВАО ҳамчун ниҳоди ҷамъиятӣ-сиёсӣ таҳлил гардида, нақш ва мақоми он дар ҷомеа муайян карда шудааст;

- ВАО ҳамчун ниҳоди иҷтимоӣ-сиёсӣ, моҳият ва хусусиятҳои мафҳуми он дар асоси донишҳои назариявӣ ва баррасии ВАО ҳамчун воситаи асосии инъикоси масъалаҳои иҷтимоии ҷомеаи имрӯза тасниф ва муайян карда шуд;

- хусусият ва шаклҳои таҳия ва татбиқи технологияҳои муосири иҷтимоию иттилоотӣ, нақши ВАО дар раванди истифодаи онҳо мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода шудааст;

- таҷассуми душвориҳои иҷтимой-сиёсӣ, фарҳангӣ дар ВАО-и Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил ва таҳқиқ гадидааст;

- нақши ВАО ҳамчун воситаи ҳамгироии иҷтимоӣ ва сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди омӯзиш қарор дода шудааст;

- нақши ВАО дар таъмини амният ва ҳимояи манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шудааст.

Натиҷаҳои бадастоварда ва хулосаҳои ҷамъбастшудаи диссертатсияро низ метавон дорои арзиши баланди илмӣ ва амалӣ арзёбӣ намуда, онҳоро барои иҷрои тадқиқотҳои илмӣ дар соҳаи фалсафаи иҷтимоӣ, сиёсатшиносӣ ва курсҳои махсуси бахши муносибатҳои байналхалқӣ метавон истифода намуд.

Илова бар ин, омӯзиши масъалаи мазкур ҳамчун нерӯ ва воситаи пешбарандаи равандҳои иҷтимоии ҷомеа дар шароити тағйирпазирии шева ва усулҳои рӯзноманигорӣ, таҳлили дигаргуниҳои шакл ва усулҳои таҷассуми равандҳои сиёсӣ, мубориза и сиёсӣ ва маъракаҳои интихоботӣ, ошкор намудани хусусиятҳои ВАО мубрамияти мавзӯи мазкурро муайян намудаанд.

Автореферат ва мақолаҳои нашрнамудаи муаллиф моҳияти диссертатсияро фаро гирифта, ба он ҳамоҳанг карда шудаанд.

Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда чоп шудаанд:

1. Ятимов С.Р. Матбуоти даврӣ ҳамчун институти ҷамъиятию сиёсӣ // Паёми донишогҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. Душанбе.- 2018 №7.- С. 301-305.
2. Ятимов С.Р. Матбуоти даврӣ ва таъмини амнияти иттилоотӣ // Паёми донишогҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. Душанбе.- 2018 №8.- С. 277-280

3. Ятимов С.Р. Таъсири матбуоти даврӣ ба ташаккули афкори ҷамъиятӣ // Паёми донишогҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. Душанбе.- 2019 №1.- С. 317-321.

Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар он аст, ки ӯ тавонистааст, мавзуи мубрами ҷомеаи муосирро интихоб, мақсад ва вазифаҳоро муайян, объек ва предмети таҳқиқоти худро бо услуби дурустии илмӣ мушаххас намояд. Ҳамчунин, маводи зиёди илмиро таҳлилу муқоиса намуда, хулосаҳои арзишманди илмӣ пешниҳод намояд.

Муаллифи диссертатсия мафҳум ва моҳияти «ВАО»-ро дар шакли мушаххас баррасӣ намуда, иброз менамояд, ки тағйиротҳои низоми сиёсии Тоҷикистон, ташаккули асосҳои меъёрӣ, дар навбати худ боиси тағйироти фаъолияти ВАО дар равандҳои иҷтимоӣ ва маъракаҳои интихоботӣ гардидаанд.Воситаи ахбори умум дар ҷомеа вазъияти муайяни иттилоотиву идеологиро бунёд менамояд, ки метавонад ба ташаккул ва рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ мусоидат намояд ё баръакс ба ин раванд монеа эҷод намояд. Чунин масъалаҳоро диссертант мавриди омузиш қарор дода, бо маҳорати баланди илмӣ таҳлил намуда, хулосагирӣ намудааст.

Номи мавзуъ, сохтор ва таркиби диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси 09.00.11 - Фалсафаи иҷтимоӣ мувофиқ буда, бо «Номгӯи самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2020», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 декабри соли 2014, №765 тасдиқ шудааст, алоқамандии зич дорад.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Ятимов Собирҷон Рустамович дар мавзуи **"Нақши ВАО дар шароити инкишофи иҷтимоӣ-сиёсии ҷомеаи тоҷикистонӣ:таҳлили иҷтимоӣ-фалсафӣ»** аз рӯйи мазмуну мундариҷа бо ихтисоси 09.00.11 - Фалсафаи иҷтимоӣ пурра мувофиқат менамояд. Мақолаҳои чопнамудаи муаллиф ва автореферати диссертатсия мухтавои асосии таҳқиқотро инъикос менамоянд. Диссертатсияи мазкур

аз рӯйи сохтори худ ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад.

Диссертатсияи Ятимов Собирҷон Рустамович дар мавзуи “**Нақши ВАО дар шароити инкишофи иҷтимоӣ-сиёсии ҷомеаи тоҷикистонӣ:таҳлили иҷтимоӣ-фалсафӣ**» аз рӯйи мазмуну мундариҷа бо ихтисоси 09.00.11- Фалсафаи иҷтимоӣ кори мустақилона ва анҷомёфта буда, барои ҳимоя тавсия дода мешавад.

Хулосаи мазкур, дар маҷлиси кафедраи онтология ва назарияи маърифати факултети фалсафаи ДМТ 24 феврали соли 2024 қабул гардид.

Дар маҷлис 10 нафар иштирок карданд.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор 10 нафар; зид нест, бетараф - нест. Суратҷаласаи №9 аз 24. 02. 2024.

Мудири кафедраи онтология
ва назарияи маърифати факултет
фалсафаи ДМТ, н.и.ф., дотсент Ҳаитов Ф.Қ.

Котиб, муаллими калон Калонзода Ф.И.

Имзои Ҳаитов Ф.Қ
ва Калонзода Ф.И.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДМТ Тавқиев Э. Ш.

28.02.2024